«Т АСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Пажӯҳишгоҳи рушди
маориф ба номи Абураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
_________ Наҷмиддиниён А.М.
24 ноябри соли 2022

# ХУЛОСАИ
## Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

ба диссертатсияи докторанти Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ Абдуллозода Наҷибуллои Сайфулло дар мавзӯи "Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифодадоктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010300 - Педагогика ва психология (6D010301 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) ва таҳсилот

Абдуллозода Наҷибуллои Сайфулло 23 феврали соли 1993 дар ҷамоати деҳоти Тавилдара (ҳоло Сангвор) дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Соли 2011 ба факултети система ва технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2015 Донишгоҳи мазкурро бо ихтисоси технология ва низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёт хатм намудааст.

Абдуллозода Наҷибулло соли 2017 магистратураи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистонро бо ихтисоси кори бонкӣ хатм кардааст.

Мавсуф фаъолияти меҳнатиашро аз соли 201 7 ба ҳайси ходими хурди Осорхонаи маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оғоз намуда, аз соли 2020 то инҷониб дар Муассисаи давлатии Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаи мудири шуъбаи ҳамоҳангсозии фаъолияти марказҳои таҳсилоти иловагӣ адои вазифа менамояд.

Абдуллозода Наҷибуллои Сайфулло солҳои 2017-2020 ба ҳайси докторант аз руи ихтисоси доктор PhD-и Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳсил намуда, имтиҳонҳои номзадиро бо баҳои зерин супоридааст:

1. Методикаи таълим дар мактабҳои олӣ - 4 (хуб).
2. Методологияи тадқиқоти илмӣ - 4 (хуб).
3. Забони хориҷӣ (англисӣ) - 4 (хуб).
4. Педагогикаи умумӣ - 4 (хуб).
5. Асосҳои маҳорати педагогӣ - 5 (аъло).
6. Методикаи таълими фанҳои забон ва адабиёт - 4 (хуб).
7. Методикаи таълими фанни математика - 4 (хуб).
8. Этнопедагогика - 4 (хуб).
9. Психологияи педагогӣ - 4 (хуб).
10. Технологияи муосири таълим - 4 (хуб).

11. Назария ва методикаи таълими касбӣ - 5 (аъло).
12. Педагогикаи мактабҳои олӣ - 4 (хуб).
13. Педагогикаи синусолӣ - 4 (хуб).
14. Методикаи таълими салоҳиятнокӣ - 4 (хуб).
15. Педагогикаи муқоисавӣ - 4 (хуб).

Маълумотномаи академӣ дар бораи азбар намудани фанҳои таълимӣ тибқи талаботи нақшаи таълимӣ ва хатми доктори фалсафа Phd, доктор аз рӯйи ихтисос аз ҷониби Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон санаи 5-уми майи соли 2021, №2 дода шудааст.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи васеи шуъбаи фанҳои табиию риёзӣ ва технологияи иттилоотии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Точикистон муҳокима гардида, барои баррасӣ ба семинари илмӣ – методии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф пешниҳод гардидааст.

Роҳбари илмӣ: Камолзода Сайфиддин - номзади илмҳои педагогӣ.

Семинари илмӣ-методии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Наҷибуллои Сайфуллоро бо иштироки муқарризони расмӣ – номзади илмҳои педагогӣ, муовини директори ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ Лутфуллоева П., номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи фанҳои табиию риёзӣ ва технологияи иттилоотии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ Қурбонов С. мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дод.

Муҳаққиқ Абдуллозода Наҷибулло оид ба мазмуни мухтасари диссертатсия, натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ бадастоварда мухтасар баромад карда, хулоса ва тавсияҳои методии дар заминаи таҳқиқот коркардаашро ба самъи иштирокчиёни ҷаласа ироа кард ва ба саволҳои манзуркардаи иштирокчиёни ҷаласа ҷавобҳои мушаххас дод.

Дар муҳокимаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муқарризони холис ва иштирокчиёни ҷаласа иштирок карда, андеша ва пешниҳоду эроди худро нисбат ба таҳқиқоти Абдуллозода Н. иброз намуданд.

Муқаррризи холис - номзади илмҳои педагогӣ Лутфуллоева П. аз ҷумла қайд намуд, ки объекти таҳқиқоти диссертатсия низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, яке аз масъалаҳои мубрам боқӣ мемонад. Инчунин, муқарриз дар хусуси навгонии илмии диссертатсияи докторант қайд намуд, ки муносибатҳои назариявӣ ва методологӣ нисбати коркарди малакаҳо ва салоҳиятҳои асосии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ таҳлил шуда, тавсияҳо оиди номгӯй ва самти рушди салоҳиятҳои зарурӣ дар соҳаи истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии хонандагони муассисаҳои номбурда коркард ва пешниҳод гардиданд.

Дар таҳқиқот исбот карда шудааст, ки дар ҷумҳурӣ то ба имрӯз оид ба масъалаи шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо истифода аз технологияҳои компютерӣ, дар алоҳидагӣ таҳқиқот анҷом дода нашудааст.

Мақсаду вазифаҳои таҳқиқот ва баррасии озмоишҳо ба унвонҷӯ имконият додаанд, ки ба як қатор саволҳои калидии ба мавзуи мазкур дахлдошта ҷавоб гӯяд.

Дар интиҳои баромад номзади илмҳои педагогӣ Лутфуллоева П. қайд намуд, ки кори илмию таҳқиқотии докторантро ба инобат гирифта, онро ба ҳимоя пешниҳод менамояд.

Муқарризи холиси дигар - номзади илмҳои педагогӣ Қурбонов С. қайд намуд, ки асоси таҳқиқоти муҳаққикро баррасии озмоишҳои илмию равоншиносии олимони ватанию хориҷӣ оид ба шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар зимни истифодаи технологияҳои муосири таълим дар фаъолияти таълимию тарбиявии муассисаҳои мазкур ташкил додааст. Ҳалли масъалаи мазкурро докторант дар натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзӯи мазкур дар муқаддима, ду боб ва ҷамъбасти он нишон додааст.

Муқарриз Қурбонов С. қайд намуд, ки таҳқиқоти илмии Абдуллозода Наҷибуллои Сайфулло имкон медиҳад, дар асоси муносибати ҳадафмандона масъалаи татбиқи шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ ҳаллу фасл карда шавад. Дар хулоса ба тариқи фишурда натиҷаи тадқиқот ҷамъбаст шудааст.

Муқарриз Қурбонов С. ибрози андеша намуд, ки натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар раванди таълими фанҳои технологияи компютерӣ, асосҳои информатика ва техникаи ҳисоббарор, курсҳои махсуси компютерии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар истифода кард. Хулоса, диссертатсияи Абдуллозода Н. барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод карда шавад.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти муҳокима ва хулосаҳои муқарризон - номзади илмҳои педагогӣ, муовини директори ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ Лутфуллоева П., номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи фанҳои табиию риёзӣ ва технологияи иттилоотии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ Қурбонов С. ва иштирокчиёни ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ, хулоса кард.

Бо дарназардошти хулосаҳои муқарризон ва муҳокимаи диссертатсия ҷаласа,

ХУЛОСА КАРД:

Дар ҷаҳони муосир истифодаи технологияҳои компютерӣ дар ҳамаи соҳаҳо, махсусан дар соҳаи маориф омили муҳими рушд маҳсуб ёфта, дар ин замина бояд мутахассисоне тарбия ёбанд, ки воқеан донишманду босалоҳият бошанд. Истифода гардидани технологияҳои компютерию иттилоотӣ дар раванди таълим ба хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар имконият медиҳад, ки тафаккури эҷодии худро тақвият диҳанд, корҳои мустақилонаро бо сифати баланд иҷро намоянд ва умуман фаъолияти таълимии худро самаранок гардонанд.

Масъалае, ки докторант мавриди таҳқиқ қарор додааст, ба талаботи замони муосир ва соҳаи маорифи кишвар ҷавобгӯ буда, шароитҳои

дидактикии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагонро таъмин менамояд ва низоми мақсадноки технологияҳои компютериро дар раванди таълим ба роҳ мемонад.

Аз ин рӯ, ҳар як хонанда имкон пайдо менамояд, ки аз воситаҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, ки қисми ҷудонопазири раванди таълиманд, васеъ истифода намояд ва тафаккури эҷодии худро тақвият бахшида, корҳои мустақилонаро бо сифати баланд иҷро намояд.

Диссертант зимни таҳқиқоти худ бо истифода аз технологияҳои компютерӣ, фаъолияти оянда, инчунин шароити педагогии таъминоти дидактикии истифодаи технологияҳои компютериро дар низоми омодасозии мутахассисониояндаро муайян кардааст.

Муҳаққиқ мақсаду вазифа ва фарзияи таҳқиқотро дуруст муайян карда, дар ин замина корҳои зеринро иҷро намудааст. Аз ҷумла,

- омилҳо, шароит ва технологияи ташаккули салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагон дар шароити ташаккулёби ошкор кардааааст;
- хусусиятҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳоро дар раванди таълим бо истифода аз технологияҳои компютерӣ омӯхта, мавриди баррасӣ қарор додааст;
- салоҳияти коммуникативиро ҳамчун қисми асосии ташаккули салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагон таҳқиқ намудааст;
- роҳу воситаҳои ташаккули салоҳияти хонандагонро дар раванди таълим бо истифода аз технологияи компютерӣ мавриди омӯзиш қарор додааст;
- корҳои санҷишиву озмоишӣ гузаронида, аз онҳо натиҷагирӣ кардааст.

Бо иҷрои вазифа ва баргузории озмоишҳои педагогӣ диссертант ба навгониҳои илмии зерин комёб шудааст:

- омилҳо, шароит ва технологияи ташаккули салоҳият ва салоҳиятнокии шахсии хонандагон муайян карда шуд;
- роҳҳои такмили методҳои ташаккули салоҳият ва салоҳиятнокии технологияҳои иттилоотиву коммуникативии хонанда пешниҳод гардид;
- сохтор ва тарҳи ташаккули салоҳиятҳо, ки ба банақшагирӣ ва идоракунии раванди таълим мусоидат менамоянд, мувофиқ карда шуд;
- ҷанбаҳои дидактикии ташаккули салоҳият ва салоҳиятнокии технологияҳои иттилоотиву коммуникативӣ дар раванди таълим асоснок карда шуд;
- нақш ва мақоми салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун ҳамчун замина ва пойгоҳи асосии ташаккул ва инкишофи шаклҳои дигари салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагон асоснок карда шуд.

Натиҷаҳои бадастомада рушди салоҳият ва салоҳиятнокии асосии хонандагонро дар соҳаи технологияҳои иттилоотиву коммуникативӣ таъмин менамоянд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар коркард, пешниҳоди тавсияҳои методӣ оид ба инкишофи салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагон зимни истифодаи технологияҳои компютерӣ ва маводи ташхисӣ барои ошкор намудани мушкилиҳо дар ин самт, ки дар раванди таълим ва системаи таҳсилоти иловагӣ истифода мегарданд, ифода меёбад.

Хулоса ва тавсияҳои таҳқиқотро метавон ҳамчун васоити методӣ барои инкишофи салоҳият ва салоҳиятнокиии хонандагон ҷиҳати истифодаи технологияҳои компютерӣ истифода кард.

Мақолаҳои ба табърасондаи унвонҷӯ, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия нашр шудаанд:

[1-М] Абдуллозода Н. Муносибати коммуникативӣ - заминаи ташаккули салоҳиятнокии хонандагон /Н. Абдуллозода //Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. - Душанбе, 2019. -№4 (33). -С. 100-104. ISSN 2222-9809.

[2-М] Абдуллозода Н. Технологияҳои иттилоотӣ - воситаи асосии ташаккули салоҳияти хонандагон /Н. Абдуллозода// Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. - Душанбе, 2020. -№1 (29). -С. 157-160. ISSN 2617 - 5620

[3-М] Абдуллозода Н. Ташаккули салоҳияти иттилоотии хонандагон дар раванди таълим /Н. Абдуллозода// Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.– Душанбе. 2020. -№2 (35). С. 104-108. ISSN 2222-9809.

[4-М] Абдуллозода Н. Ташаккул ва инкишофи салоҳиятҳои асосии хонандагон / Н. Абдуллозода// Номаи Донишгоҳ. - Хуҷанд, 2020. -№3 (64). -С. 152-156. ISSN 2077-4990.

Баромади диссертант Абдуллозода Наҷибуллои Сайфулло дар мавзӯи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ” шунида шуд ва аз ҷониби аъзоёни ҷаласа мавриди муҳокима қарор гирифт. Дар рафти муҳокимаи диссертатсия бо муҳаққиқ дар доираи мавзӯи таҳқиқшуда саволу ҷавоб сурат гирифт.

Бо назардошти хулосаи муқарризон ва муҳокимаи диссертатсия ҷаласа,

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи илмии Абдуллозода Наҷибуллои Сайфулло дар мавзӯи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ” кори илмии мустақилона баанҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.

2. Диссертатсияи илмии Абдуллозода Наҷибуллои Сайфулло дар мавзӯи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ” ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси доктори фалсафа (PhD) - доктор аз р йи ихтисоси 6D010300 - Педагогика ва психология (6D010301 - Педагогикаи умум , таърихи педагогика ва та силот) ҷавобгӯ аст.

3. Диссертатсияи Абдуллозода Наҷибуллои Сайфулло дар мавзӯи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ” барои ҳимоя дар шӯрои муштараки диссертатсионии 6D.KOA-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон тавсия ва пешниҳод карда шавад.

Хулоса аз ҷониби котиби ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ Абдуллозода М. мураттаб шуда, дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ аз 24 ноябри соли 2022, протоколи №11 қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 17 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: "Тарафдор" - 17 нафар, "Зид" - нест, "Бетараф" - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ,
роҳбари семинари илмӣ-методӣ, муовини
директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ — Туронов С.

**Муқарризон:**

Номзади илмҳои педагогӣ, муовини
директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ — Лутфуллоева П.

Номзади илмҳои педагогӣ, мудири
шуъбаи фанҳои табиию риёзӣ ва
технологияи иттилоотии
ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ — Қурбонов С.

Котиби ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ
котиби семинари илмӣ- методии
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба
номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи Таҳсилоти Тоҷикистон — Ҷонмаҳмадова Г.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734063, ҶТ, ш. Душанбе, кӯч. Айнӣ, 126
Тел.: 2 25 84 06, 2 25 84 09;
Суроғаи электронӣ: prmatt@maorif.tj

*Имзои С.Туронов, П. Лутфуллоева, С. Қурбонов ва Г. Ҷонмаҳмадоваро тасдиқ менамоям.*

Мудири шуъбаи кадрҳои
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба
номи Абдураҳмони Ҷомии
АкадемияиТаҳсилотиТоҷикистон — Ҳакимова Х.